O‘ZBEKISTON RESPUBLIKASI

OLIY TA’LIM, FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI

FARG‘ONA DAVLAT UNIVERSITETI

# FarDU. ILMIY XABARLAR-

1995-yildan nashr etiladi
Yilda 6 marta chiqadi

2-2025

FILOLOGIYA

# НАУЧНЫЙ ВЕСТНИК. ФерГУ

Издаётся с 1995 года
Выходит 6 раз в год

**A.G.Sabirdinov**
O‘zbek tarixiy romani: Oybek va Qodiriy ........ 6
**G.M.Oripova**
Ayol ijodkorlar she’riyatida daraxt obrazi tasviri ........ 9
**M.A.Jo‘rayeva**
Munavvar Qori Abdurashidxonov ijodida safar janri ........ 13
**G.Muhammadjonova**
Hayot haqiqati, tarixiy haqiqat va badiiy idrok ........ 17
**И.А.Эшонқулов**
Тавсифи мушаххаси тазкираҳои Ҳашмати Бухоройӣ ........ 21
**B.X.Murtazoyev, F.O.Hafizova**
“Bobotog‘”essesida peyzaj: flora tasvirida badiiylik ........ 28
**И.А.Эшонқулов,З.П.Аҳмедҷонова**
Ситоиши хирад ва хирадгустарӣ дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ ........ 34
**D.T.Musayeva**
Elizabet Gaskel ijodiga nazar ........ 39
**Н.Н.Қаюмов**
Муаммои шинохти санъати ташхис дар поэтикаи мумтози форсу тоҷик ........ 42
**Sh.T.Ibragimov**
“Babur the tiger” romani o‘zbekcha tarjimasida metafora ifodasi ........ 47
**J.T.Ibragimov**
“Qutadg‘u bilig” istioralarining poetik o‘ziga xosliklari xususida chuqur mulohaza ........ 55
**A.A.Akbarov**
Vatanga muhabbatning lirik ifodasi ........ 61

TILSHUNOSLIK

**Sh.M.Iskandarova**
Farg‘ona davlat universiteti tilshunosligi: kecha va bugun ........ 66
**Г.М.Хошимов, М.Г.Хошимов, Н.А.Абдуллаева, Д.Ш.Назарова, Д.А.Ахмедова**
Актуальные проблемы терминологического аппарата и метаязыка исследования пословиц и поговорок ........ 71
**Z.V.Alimova**
Navoiyning “Saddi Iskandariy” dostonida sifat turkumiga oid forsiy leksemalar xususida ........ 81
**A.B.Uralov**
Ayrim kengaygan shakllar taraqqiyoti hamda ularda nomutanosibliklar ........ 86
**Z.A.Davlataliyeva**
Ingliz tili darslarida talabalarning o‘qish ko‘nikmalarini rivojlantirishning mazmuni, shakli va vositalari ........ 90
**Н.А.Абдуллаева**
Сопоставительное изучение провербем, вербализующих концептуальную оппозицию «ум/глупость» в английском и русском языках ........ 95
**Н.А.Отахонова**
Проблемы общей теории и классификatsii лингвокультурем ........ 100
**B.B.G‘apporov**
Ingliz gazeta sarlavhalarining o‘ziga xos xususiyatlari hamda ularda fe’l komponentli kollokatsiyalarning qo‘llanilishi ........ 106
**D.M.Yuldasheva, Z.I.Usmonova**
Siddiq Mo‘minning "Buyuk Temur avlodi" nomli she’rida pretsedent nom tahlili ........ 112
**N.Fidan**
Ellipsis in English text linguistics ........ 115
**M.O.Qulmamatova**
Ingliz va o‘zbek tillaridagi “boylik/wealth va kambag‘allik/poverty” konseptlarining o‘xshashlik va farqli jihatlari ........ 120
**N.X.Boboqulova**
Ingliz va o‘zbek tillarida head/bosh somatik komponentli maqollarning konseptual tahlili ........ 124

FarDU. Ilmiy xabarlar – Scientific journal of the Fergana State University

Volume 31 Issue 2, 2025-yil DOI: 10.56292/SJFSU/vol31_iss2/a105

UO‘K: 82-94:82-142

# ТАВСИФИ МУШАХХАСИ ТАЗКИРАҲОИ ҲАШМАТИ БУХОРОЙ

# HASHMAT BUXORIY TAZKIRALARINING TAVSIFI

# ОПИСАНИЕ ТАЗКИР ХАШМАТА БУХАРИЙ

# DESCRIPTION OF TAZKIRAS BY HASHMAT BUKHARAYI

**Эшонқулов Илҳом Абдусаломович**
*дотсенти кафедраи Филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз (*PhD

***Аннататсия***

*Дар мақола сухан перомуни тавсифи мушаххас ва нусхашиносии тазкираҳои Мирсиддиқдони Ҳашмати Бухороӣ меравад. Ҳамзамон кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки ҷузъиёти муҳимтарини тазкираҳои мавриди назар дар такя ба аснод ва мадорики худи тазкираҳо ва тадқиқоти замони муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор бигирад.*

*Дар маҷмуъ, мақола фарогири тавсифоти мушаххаси тазкираҳои шоир ва нависандаи охири асри XIX ва ибтидои асри асри XX Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ мебошад.*

***Annotatsiya***

*Maqolada Mirsiddiqdon Hashmat Buxoroiy tazkiralarining o‘ziga xos tavsifi va nusxako‘chirilishi haqida so‘z boradi. Shu bilan birga, tazkiralarning o‘z xususiyatlari va qaydlari hamda zamonaviy tadqiqotlar asosida so‘z yuritilayotgan tazkirlarning eng muhim tafsilotlarini tahlil qilish va muhokama qilishga harakat qilingan.*

*Umuman, maqolada XIX asr oxiri va XX asr boshlarida yashab o‘tgan shoir va adib Mirsiddiqxon Hashmat Buxoroiyning o‘ziga xos tavsiflari keltirilgan.*

***Аннотация***

*В статье речь идет о конкретном описании и подлинных копий тезкире (летопись, антология) Бухараи. В то же время была предпринята попытка исследовать тазкиры в документах и записях самих тазкирах.*

*В целом, в статье освещается характеристика тазкиров поэта XIX и начала XX века – Мирсиддикхана Хашмата Бухараи.*

***Absract***

*This article provides a detailed description and textual analysis of the tazkiras (biographical anthologies) authored by Mirsiddiqkhan Hashmat Bukharayi. The study attempts to examine essential aspects of these works based on original sources and contemporary research. Overall, the article focuses on the characteristics of the tazkiras composed by this poet and writer of the late 19th and early 20th centuries.*

***Калид вожаҳо:*** *Адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX, тазкиранависӣ, Ҳашмати Бухороӣ, нусхашиносӣ, тавсифи тазкираҳо*

***Kalit so‘zlar:*** *XIX asr oxiri va XX asr boshlari adabiyoti, tazkira yozuvi, Hashmati Buxoro, kopirayterlik, tazkiralar tavsifi*

***Ключевые слова:*** *литература позднего периода XIX — начала XX вв., тазкира, письменность, припадки и денрецепции*

***Key words:*** *Late 19th and early 20th century literature, tazkira writing, Hashmat Bukharayi, textual analysis, description of tazkiras.*

## МУҚАДДИМА

Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ аз суханварону адибони тавонои нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX буда, мақоми ӯ дар адабиёти даврони мазкури Мовароуннаҳр хеле назаррас аст. То ҳол дақиқ маълум нагаштааст, ки мавсуф аз худ чанд асар ба мерос гузошта, вале он ду тазкираи гаронбаҳои ин донишманди камназир, ки баъдан бо унвони “Тазкират-уш-шуаро” машҳур гашт, аз осори арзишманд ва аз сарчашмаҳои ягона дар таърифи рӯзгори муаллиф ва шарҳи ҳол ва намунаи ашъори суханварони даврони шоир ба

шумор мераванд, гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ аз худ мероси илмӣ-адабии пурборе ба ёдгор гузошта ва омӯзишу таҳқиқи он то ҳол ба таври зарурӣ сурат нагирифтааст. Илова бар ин, аз ишороти худи ӯ ҳам дар тазкирааш пай бурдан осон аст, ки Мирсиддиқхони Ҳашмат дар сурудани шеър ҳам дасти тавоно дошта ва девони ашъор ҳам аз худ боқӣ гузоштааст, ки тафсилоти ин нуукта дар фасли дигари рисола вогузор шудааст.

Ҳамин гуна, Мирсиддиқхони Ҳашмат, ки дониши комил ва қобилияти баланди таълифу тасниф дошта, ба чунин сарнавишт ва гирумони тақдир тан дода ва, аз ҳама муҳим, "гӯшаи узлат ва танҳоии назарбандиро хуб истифода намуд"-а ва ба таҳқиқу тадвини китоб ва таснифи осори муҳим, аз ҷумла тазкираҳо ва фароҳам овардани "хотираҳои таърихӣ ва адабӣ" саъю эҳтимом варзидааст. Дар ҳамин давра "ба ҷамъ ва татбиқи кутуб соҳибкамоли рӯзгор шуд"-а ва китобхонаи шахсиеро созмон дода, ки тибқи маълумоти устод Садриддин Айнӣ аз ҳар китобхонаи дигари шахсии Бухоро бой ва ғанӣ будааст. Мирсиддиқхон Ҳашмати Бухороӣ дар ҳамин фурсати ҳабс як шахсияти тайёри баркамоли илм – олим, адабиётшинос,ноқид, тазкиранигор ва шоир шинохта ва эътироф гардидааст. Бад-ин васила, мавсуф ба таълифи тақрибан 60 асари илмӣ, адабӣ ва таърихӣ шарафёб гардидааст.

## МЕТОДҲО ВА ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ

Мирсиддиқхони Ҳашмат дар фосилаи умри 68-солааш таълифоти зиёди арзишманди илмиву адабӣ ва таърихӣ ба мерос гузоштааст. Ҳарчанд аз тазкиранигорони охири қарни XIX ва аввали садаи XX Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, Шарифҷон Махдуми Садри Зиё, Садриддин Айнӣ ва Шайх Абдулқодирхоҷаи Кароматуллоҳи Бухороӣ доир ба шахсият, ҳунари шоирӣ ва махсусияти ашъори Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ қисман маълумот дода бошанд ҳам, аммо мақому дараҷа ва аҳамияти илмиву таърихии мероси адабии Мирсиддиқхони Ҳашмат дар адабиётшиносии тоҷик то ҳол ба таври густурда муайян нагардидааст. Тазкиранигорон ва мусаннифони кутуби адабӣ ба осори Мирсиддиқхони Ҳашмат таваҷҷуҳ зоҳир намуда, номгӯи чанде аз тазкира ва рисолаҳои мухталифмавзӯи адибро зикр карда, намунае аз эҷодиёти шоир сабт намудаанд.

Шарифҷон Махдуми Садри Зиё аз эҷодиёти Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ 3 ғазал: 1 ғазали туркӣ ва 2 ғазали форсӣ (ҳудуди 24 байт) ва 1 маснавӣ "Дар таърифи харбуза" (ҳудуди 46 байт) сабт намудааст, ки аз ин ҷиҳат назар ба тазкиранависони дигар имтиёз дорад [7, 105-109].

Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам дар "Тазкират-уш-шуаро" ба сифати намуна аз эҷодиёти Мирсиддиқхони Ҳашмат 5 ғазал (ҳудуди 26 байт) ва 1 фард (ҳудуди 1 байт) сабт намудааст [5, 99-101].

Устод Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» дар такя ба матолиби "Тазкори ашъор"-и Шарифҷон Махдуми Садри Зиё 2 ғазал (ҳудуди 10 байт) ва порча аз масзавии "Дар тавсифи харбуза"-ро (ҳудуди 8 байт) сабт карда, аз хусуси тазкираи «Номаи хусравон»-и Мирсиддиқхони Ҳашмат ёд кардааст, ки «дар он китоб подшоҳ ва подшоҳзодагони адибро зикр намуда» аст [1, 189-191].

Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Бухороӣ аз хусуси «Туҳфат-ул-зоирин» ном асари Мирсиддиқхони Ҳашмат маълумот дода, чунин менависад: «Тӯҳфат-ул-зоирин»-и мавсуф ба ҳаёти авлиёҳои Бухорои шариф бахшида мешавад, ки он дар Бухоро рӯи чопро дидааст. Нусхае аз он дар китобхонаи нигоранда ҳаст» [2, 156].

Аммо ин иттилоъ саҳеҳ набуда, то андозае касро ба иштибоҳ мебарад. Бино ба ахбори ба тозагӣ нашргардидаи таърихшиноси ӯзбек Ғулом Каримов «Туҳфат-ул-зоирин» ба қалами Сайид Муҳаммад Носир ибни Музаффар (яъне, бародари Ҳашмат) мутааллиқ аст, ки дар ин бора дар пешгуфтори китоби «Таҳқиқоти арки Бухоро» хабар медиҳад [8, 7]. Ҳамчунин, Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Бухороӣ аз мавҷуди тазкира оид ба аҳволи шоҳон ба қалами Мирсиддиқхони Ҳашмат тахмин кардааст, ки шояд «Тазкират-ус-салотин»-и ӯ дар назар бошад: «Тазкираи эшон, ки шомили аҳвол ва омоли шоҳон ва шоҳзодагон аст, қобили қабули ҳамагон буд» [2, 157].

Муҳаққиқи таърихи тазкираҳои форсӣ Аҳмад Гулчини Маонӣ аз таърихи таълифи «Тазкират-уш-шуаро»-и Мирсиддиқхони Ҳашмат ёдовар мешавад [6, 273].

Расул Ҳодизода ва Усмон Каримов чанде аз тазкира ва ёддошту дафтарҳои мусаввадаи Мирсиддиқхони Ҳашматро зикр кардаанд. Бино ба фармудаи Шодмон Воҳидов «тахминан 60 асар бо номи Мирсиддиқхон навишта шуда ё худи ӯ дар ин асарҳо ҳамчун муаллиф ё мусаҳҳеҳ ё муҳаррир саҳм гузоштааст» [3, 18].

Ҳамин гуна, доираи мероси адабии Мирсиддиқхони Ҳашмат хеле фарох ва густурда буда, таснифоти пурмуҳтаво ва ғании ӯ дорои арзиши илмиву аҳамияти таърихӣ мебошанд. Тазкираҳо, дафтарҳои мусаввада, ёддоштҳо, девони ғазалиёт ва рисолаҳои илмии мухталифмавзӯи Мирсиддиқхони Ҳашмат дар ганҷинаи нусхаҳои хаттии Институти шарқшиносии Академияи фанҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳони Берунӣ маҳфузанд.

Мирсиддиқхони Ҳашмат дар забонҳои форсӣ, арабӣ ва туркӣ тасаллут дошта, осорашро ба ин забонҳо таълиф кардааст. Таснифоти нотамом ва мусаввадаҳои Мирсиддиқхони Ҳашмат барои омӯхтани вазъи ҳаёти адабии Бухоро дар нимаи дувуми қарни XIX ва ибтидои қарни XX маълумоти зиёд медиҳанд. Доираи мавзӯоти якояки осори Мирсиддиқхони Ҳашмат баррасии амиқеро тақозо мекунад. Номгӯи осори Мирсиддиқхони Ҳашматро дар феҳристи ганҷинаи нусхаҳои хаттии Институти шарқшиносии Академияи фанҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳони Берунӣ чунин метавон дастабандӣ кард:

**Тазкираҳо: (Тазкират-уш-шуарои муосир)**, 1) «Тазкират-уш-шуаро» (2728); 2) «Тазкират-уш-шуаро» (61); 3) «Тазкират-уш-шуаро» (2729).

**Тазкират-уш-шуарои мутақаддимин:** 1) «Тазкират-уш-шуаро» (4767); 2) «Тазкират-уш-шуаро» (5561); «Тазкират-уш-шуаро» (2663/1).

**Тазкират-ус-салотин:** 1) «Тазкират-ус-салотин» (54/6);2) «Тазкират-ус-салотин» (2252/1); 3) «Тазкират-ус-салотин» (2513).

**Баёзҳо:** 1) «Баёз» (246); 2) «Баёз» (250); 3) «Баёз» (маҷмӯаи манзума ва мансура) (251/2); 4) «Баёзи мутафарриқа» (2663/5); 5) «Баёзи манзум ва мансур» (2665); 6) «Баёз» (2755); 7) «Баёз». Интихоби ғазалиёт (2829); 8) «Баёз» (2810); 9) «Баёзи калимот ва осору мавъиза аз хулафои салоса» (5129/1); 10) «Маҷмӯаи муаммо ва ашъори мухталифа» (5292); 11) «Баёз» (6958); 12) «Маҷмӯаи мансур ва манзум» (3035).

**Осори таърихӣ:** 1) «Аҳдномаи мусолиҳаи давлати Бухоро ва Русия дар соли 1280» (251/5); 2) «Зикри Мир Остонқул ибни Аббосбӣ» (2663/2); 3) «Баёни аҳволи салотини ӯзбакия» (Зайли таърихи Муқимхонӣ) (2663/3).

**Рисолаҳо оид ба хаттотӣ:** 1) «Санъатли хатлар ва қитъалар» (54/1); 2) «Қоидаи хат навиштан» (202/2).

**Рисолаҳо оид ба рамл:**1) «Ҷадвали қуръа ва истихроҷи фол» (дафтари машқи рамл) (4973); 2) «Дафтари мусаввада» (Зоиҷаи толеъ ва аҳком), (2677); 3) «Маҷмӯаи аҳкоми зоиҷа ва ашъор» (2932); 4) «Баёзи мусаввади рамл ва мутафарриқот» (2664).

**Рисолаҳо оид ба адабиётшиносӣ:** 1) «Вазоиф-ал-ашъор» (247/1); 2) «Муноҷоти манзума» (54/2); 3) «Муноҷоти тарҷума» (54/5); 4) «Тарҷумаи аҳволи Хоҷа амир Муҳаммад ал-мутахаллис ба Дардӣ» (2158/2); 5) «Тарҷумаи аҳволи Сиддиқхон ибни амир Музаффар» (2663/4); 6) «Девон» (459/3); 7) «Девони ғазалиёт» (4304).

**Рисолаҳо оид ба дин:** 1) «Адъия» (2950/13); 2) «Силки дурар ли акмали расул-ил-атҳар» (2956/5); 3) «Маснавии интабаҳ ҷамеъ ал-матъун ва матъуна» (247/2).

Таърихшинос Шодмон Воҳидов чанд номгӯи китоб, аз ҷумла «Мунтахаб-ут-таворих» ва «Равзат-ул-воизин»-ро ба қалами Мирсиддиқхони Ҳашмат мансуб медонад (63, 30). Дар таърихи адабиёти тоҷик «Мунтахаб-ут-таворих» ба номи Ҳоҷӣ Ҳакимхон низ нисбат дорад. «Равзат-ул-воизин» низ шояд ҳамон «Туҳфат-уз-зоирин» -и Сайид Муҳаммад Носир ибни Музаффар бошад, ки Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Бухороӣ дар китоби «Армуғони Саббоқ» саҳван ба Мирсиддиқхони Ҳашмат нисбат додааст.

Адабиётшиноси ӯзбек Азиз Қаюмов дар китоби «Қӯқон адабий муҳити» қайд кардааст, ки дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Мирсиддиқхони Ҳашмат, дастхати тахти рақами 61 доир ба рӯзгор ва осори Фазлӣ, Маҳзуна ва Гулханӣ баъзе асноди тоза ба қайд гирифта шаванд ҳам, аммо он маълумоти «Маҷмӯат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ ва «Тӯҳфат-ул-аҳбоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳро такрор мекунад [4, 13]. Метавон гуфт, ки ин натиҷагирӣ ва баҳогузории Азиз Қаюмов бидуни огоҳии комил аз мутуни тазкира баён гардидааст. Дар ҳоле

ки Мирсиддиқхони Ҳашмат перомуни шахсият ва зиндагиномаи як қатор шоиру нависандагоне, ки баъд аз Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар майдони адабиёт зуҳур кардаанд ва ё бо сабабҳои номаълум аз тазкираҳои Фазливу Возеҳ берун мондаанд, муфассал маълумот ба қалам овардааст. Дар ин бора дар фаслҳои ҷудогонаи рисола таваққуф хоҳем кард.

## МУҲОКИМА ВА НАТИҶАҲО

Таълифоти Мирсиддиқхони Ҳашмат ба таҳқиқу интишори махсус ниёз дорад. Тазкираҳо дар ин миён мавқеи асосӣ дошта, барои муайян кардани ҳунари нависандагӣ ва нуфузи тазкиранигории ӯ аз манбаъҳои муҳим ба ҳисоб меравaнд. Чанде аз тазкираҳо ва дафтарҳои мусаввадаи Мирсиддиқхони Ҳашматро метавон мухтасаран чунин тавсиф кард:

1. Тазкирае, ки аз тарафи муаллиф ба он ном гузошта нашудааст ва дар феҳрасти ганҷинаи нусхаҳои хаттии Институти шарқшиносии Академияи фанҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳони Берунӣ ба унвони «Тазкират-уш-шуаро» қайд шудааст. Ин тазкира дар ду муҷаллад зери шумораҳои 2728 ва 61 қарор дошта, асари муҳими Мирсиддиқхони Ҳашмат ба шумор меравад ва дар ҳамон ҷо аз ишорае, ки соҳиби тазкира дар боби “Афзал” дорад (алҳол ки санаи 1313), маълум мешавад, ки ӯ тазкираашро дар нимаи солҳои 90-уми асри XIX, яъне соли 1312-13/1895-96 тартиб додааст. Нусхаи таҳти рақами 2728 қисми аввал ва нусхаи зери шумораи 61 қисми сонии як тазкира мебошанд. Қисми аввали тазкира аз “алиф” то “шин” фарогири шарҳи аҳволи 92 шоири Осиёи Марказӣ, Эрон, Афғонистон ва Ҳиндустон буда, аз 105 сафҳа иборат аст. Қисмати дувуми тазкира аз “дол” то “йо” бознамои аҳвол ва осори шуарои ҳавзаи адабии Бухоро ва мамолики Шарқ буда, дар он зикри 88 шоир ба назар мерасад. Дастнависи мазкур бо хати зебо ва лавҳакориҳо ба коғази абрешимӣ китобат шуда, аз 138 сафҳа иборат аст ва андозааш 15, 5х 25 мебошад.

2. Дастнависи дигари Мирсиддиқхони Ҳашмат бо номи «Тазкират-уш-шуаро», нусхаи таҳти рақами 2729 аз 223 варақ, андозааш 15/5х 26 см иборат буда, дар он зикри 89 шоири қуруни XVIII-XIX ба қалам оварда шудааст. Дар феҳристи нусхаҳои хаттии АФ Ӯзбекистон қайд шудааст, ки тазкираи мазкур қисми сеюм ва иловаҳои ду қисми аввали тазкираи Мирсиддиқхони Ҳашмат мебошад. Расул Ҳодизода соли таълифи тазкираро 1323/1905 медонад [10, 35]. Метавон гуфт, ки ин дастнавис ҳамоно мусаввадаи Мирсиддиқхони Ҳашмат аст, зеро ба хати ниҳоят шикаставу тезнависи махсусе навишта шудааст ва дар бисёр ҷойҳо муаллиф ҳам дар матн ва ҳам дар ҳошияҳо тасҳеҳ ва иловаҳои нав дохил намудааст. Дар баъзе бобҳо аз ғазалиёти шоирон намунае оварда нашудааст, дар бобҳои дигар бошад, намунаҳои овардашуда бе тартибу танзим ҷой дода шудаанд. Дар феҳристи нусхаҳои хаттии Академияи фанҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон қайд гардидааст, ки ин тазкира қисми сеюм ва иловаҳои ду қисми аввали тазкираи Мирсиддиқхони Ҳашмат мебошад. Азбаски «ду қисми аввали» тазкира дар феҳрист тавсиф нашудааст, маълум нест, ки қадом тазкираи муаллиф дар назар дошта шудааст. Ба ҳар ҳол, аз мазмун ва муҳтавои тазкира маълум мегардад, ки ин асар комилан асари мустақил ва алоҳида мебошад. Ин нуктаро худи муаллиф ҳам дар тазкирааш сареҳан таъкид намудааст.

Бинобар таъкиди муаллифи тазкира ӯ тӯли солҳои зиёд пайи ҷамъоварии мавод ва мутолиаи кутуби гуногун машғул будааст. Ба ҳамин мақсад Мирсиддиқхони Ҳашмат бо такмил ва иловаи “Туҳфат-ул-аҳбоб”-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ саъю эҳтимом меварзад. Дар мусаввадаи ин тазкира ҳадафи хешро ба таври равшан баён мекунад: “... ҳар чӣ аз ӯ монда ва ҳар чӣ сонӣ худ ёфтаам, афзуда, ҷое, ки ӯро камтар аз ашъори шуаро муяссар омада, афзоиш диҳам ва ҳар куҷо ба таълифоти шуаро ишора карда ва ҳақир ёфтам, дар зайли худ вадиат диҳам, зеро ки фурсати қасири ӯ адами такмил омадааст - аз каломаш мубарҳан мегардад ” [9, 4а].

Илова бар ин, Мирсиддиқхони Ҳашмат тӯли ин вақт бо “Афзал-ут-тазкор фи зикр-иш-шуаро вал ашъор”-и Афзал Махдуми Пирмастӣ ошноӣ пайдо мекунад ва дар аксар мавред тазкираи ӯро тасҳеҳу такмил мекунад.

«Тазкират-уш-шуаро», нусхаи таҳти рақами 2729 назар ба дигар тазкираҳои Мирсиддиқхони Ҳашмат аз лиҳози матолиб мукаммал буда, санаду маълумоти он хеле саҳеҳу боэътимод мебошанд. Дар ин китоб Мирсиддиқхони Ҳашмат на танҳо ба муаррифии рӯзгор ва аҳволи шоиру нависандагони асри XIX маҳдуд мешавад, балки иловатан, исми

суханварони асри XVIII – ро низ, ки аз “Туҳфат-ул-аҳбоб”-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ берун мондаанд, дохил мекунад. Дар намунаоварӣ аз эҷодиёти суханварон Мирсиддиқхони Ҳашмат роҳу шеваи дигареро пеш мегирад, яъне бештар ҳамон порчаҳои шеъриро сабт намудааст, ки дар тазкираҳои Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва Афзал Маҳдуми Пирмастӣ ба назар намерасанд.

Инчунин, дар ганҷинаи дастнависҳои Академияи фанҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳони Берунӣ яккатор осори ҷудогона, нотамом, дафтарҳои мусаввада, ёддоштҳои пароканда ва рисолаҳои мухталифмавзӯи Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухорой маҳфуз аст. Дар ин асарҳои тамому нотамом ва дафтарҳои мусаввада перомуни адабиёти нимаи дуюми садаи XIX бисёр маълумоти муфид ва санади пурқимат пайдо кардан мумкин аст. Инак, ба тавсифи мухтасари чанде аз нусхаҳои қаламии асарҳои Мирсиддиқхони Ҳашмат таваҷҷуҳ зоҳир мекунем:

**«Тазкират-ус-салотин»,** ки зери шумораи 2252/1 нигаҳдорӣ мешавад, тазкираи дигари Мирсиддиқхони Ҳашмат мебошад ва дар хусуси шарҳи ҳол ва низоми давлатдории шоҳон ва амирони Хуросону Мовароуннаҳр аз замони хилофат то поёни асри XIX маълумот медиҳад ва аҳамияти сиёсиву таърихӣ дорад. Мувофиқи ахбори манбаъҳои дастрас тазкираи мазкур ҳосили заҳамоти бисту яксолаи Мирсиддиқхони Ҳашмат буда, тахминан байни солҳои 1310/1892-93 – 1332/1914 нигошта шудааст. Се нусхаи дастнависи ин тазкира зери шумораҳои 54, 2252/1, 2513 дар ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи фанҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳони Берунӣ нигоҳ дошта мешавад ва тавсифи нусхаи таҳти рақами 54 дар феҳристи ин ганҷина ҷой дорад. Бино ба иттилои Мирсиддиқхони Ҳашмат дар пешгуфтори китоб барои таълифи ин тазкира аз «Таърихи Шоҳҷаҳон», «Таърихи Ҷаҳонгирподшоҳ» ва тазкираҳои солҳои 900 ҳ. қ. ҳамчун сарчашма истифода шудааст.

4. Дастнависи рақами 2663 аз мусаввада ва ёддоштҳои гуногуни Мирсиддиқхони Ҳашмат иборат аст, ки барои тақрир кардани баъзе ҷузъиёти мубҳам ва номакшуфи замони зисти муаллифи тазкира маълумоти дақиқ медиҳад; дар вв. 44б-50а шарҳи ҳоли Остонқулбек – қушбегии амир Музаффар ва амир Абдулаҳад ҷой дорад; дар вв. 53б – 97б Мирсиддиқхони Ҳашмат шурӯъ аз аҳволи амирони манғития ва аз давраи охирини аштархониён то рӯзгори амир Насрулло воқеаҳои зиёди ҷолиброи накл кардааст; дар вв. 117б – 140а шарҳи рӯзгор ва осори худашро Мирсиддиқхони Ҳашмат навиштааст.

Ё ба таври дигар, сохтор ва тартиби дастхати шумораи 2663 ба сурати зер мебошад:

а) «Тазкират-уш-шуаро», 2663/1;

б) «Зикри Мир Остонқул ибни Аббосбӣ», 2663/2;

в) «Баёни аҳволи салотини ӯзбакия» (Зайли таърихи Муқимхон), 2663/3;

г) «Тарҷумаи аҳволи Сиддиқхон ибни Музаффар», 2663/4;

д) «Баёзи мутафарриқа», 2663/5;

е) «Асомӣ-ул-кутуб» (179-198), 2663/6.

Ҳамин гуна, бино бар навиштаи Мирсиддиқхони Ҳашмат дар вв. 11б – 12а аз поёни қарни XV ва ибтидои қарни XVII (солҳои 900-1100 ҳиҷрӣ) дар Бухоро шоиру нависандагони зиёде умр ба сар бурдаанд, ки ҳоло номи онҳо тамоман аз байн рафтааст. Соли 1324/1906 ба дасти Мирсиддиқхони Ҳашмат баёзи қаламие меафтад, ки дар он ашъори бисёр суханваронe дарҷ ёфта будааст, ки номашон дар тазкираҳо сабт нагардидааст. Мирсиддиқхони Ҳашмат исми ҳамаи ин суханваронро аз рӯйи тартиби алифбо овардааст (то в. 42б). Аз ин ҷо бармеояд, ки худи Мирсиддиқхони Ҳашмат низ аз шарҳи аҳвол ва осорийн шоирон дар сарчашмаҳои хаттӣ маълумоти кофӣ дастрас накардааст.

5. Нусхаи хаттии «Девон»-и Мирсиддиқхони Ҳашмат зери шумораи 4304 дар ганҷинаи нусхаҳои хаттии Институти шарқшиносии Академияи фанҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳони Берунӣ маҳфуз буда, аз 96 саҳифа иборат аст ва шомили 68 ғазал, 9 мухаммас, 2 қасида, 1 маснавӣ, 5 шаҳрошӯб, 1 марсия-таркиббанд, 2 рубоӣ, 2 фард ва 3 моддаи таърих мебошад.

6. Дар ду нусхаи мавҷудаи «Тазкират-уш-шуаро», ки таҳти рақамҳои 4767 ва 5561 маҳфузанд, аҳвол ва ашъори шоирони Осиёи Марказӣ аз асри XV то замони Мирсиддиқхони Ҳашмат дарҷ шудаанд. Дастнависи зери шумораи 5561 аз 114 саҳифа иборат буда, дар он

шарҳи аҳвол ва ашъори 100 нафар шоирони форсизабон ба қалам оварда шудааст. Гарчанде дар ин ду дастнавис маълумот ба тариқи пароканда дода шуда, дар такя ба маводи тазкираҳои пешин таълиф гардида бошад ҳам, дар муайян кардани сабку услуби тазкиранависии Мирсиддиқхони Ҳашмат нақши муассир дорад.

**ХУЛОСА**

Дар мавриди зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Мирсиддиқхони Ҳашмат метавон ба чунин хулосаҳо расид:

1. Мирсиддиқхони Ҳашмат илова бар «Тазкират-уш-шуаро» як қатор осори муҳими мухталифмавзӯъ эҷод кардааст. Осори Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ гуногунҷанба буда, баррасии якояки он имкон фароҳам меорад, ки нукоти ҷолибе роҷеъ ба адабиёту фарҳанги даврони мазкур боз гардад. Фаъолияти густардаи ӯ дар нигориши тазкираҳо, ки зимнан маълумоти ҷолибе роҷеъ ба шахсият, рӯзгор, осор ва афкори сухъанварони Осиёи Марказӣ доранд ва ҳамчунин масъалаҳои равобити доираҳои адабии Муовароуннаҳру Хуросону Шибҳи қора, ки низ дар чунин китобҳои Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ таҷассум ёфтаанд, аҳамияти мероси адабиву илмии ӯро меафзоянд;

2. Хидмати назарраси Мирсиддиқхони Ҳашмат пеш аз ҳама дар таълифи «Тазкират-уш-шуаро» буда, таснифи ин асар муаллифро на танҳо ҳамчун тазкиранависи моҳир муаррифӣ намуд, балки дар омӯзиш, шинохт, нақду баррасии шеъру шахсияти суханварон ва муайян намудани вазъи адабии давр нақши муассире гузошт;

3. Мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ бою гуногун буда, шоир мисли аксари шуарои пешгузаштаи худ идомабахши суннатҳои дерини адабиёти классикии тоҷику форс бошад ҳам, дар мавзӯъҳои анъанавӣ тавонистааст, сухани тоза гӯяд;

4. Ҳарчанд дар девони Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ анвои гуногуни шеър мушоҳида мегардад, вале ҳамоно шоир афкори рангин ва ҳунари шоирии хешро дар жанри ғазал намоиш додааст. Ба ибораи дигар, баёни афкори пуробуранг ва дилфиребн шоир дар қолаби ғазал маҷоли бештари истиқлол ёфтаанд, ки мо онро тайи абёти ғазалҳои ҷудогонаи шоир ба мушоҳида хоҳем гирифт;

5. Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ тавассути тазкираҳояш ба адабиёти нимаи асри XIX ва ва оғози садаи XX ва ҳамчунин ба адабиёти муосири тоҷик нақши муассир гузоштааст. Саҳми ӯ дар ғановати таҷрибаи эҷодӣ, ҳунари шоирӣ, санъати маъниофарӣ, ҷузъиёти тасвирсозиҳо, коргирӣ аз радифсозиву қофияёбӣ ва ҳамчунин ғановати таркиби луғавию фонди лексикаи забони адабӣ ва ғайра ниҳоят бузург аст;

6. Ёддошт ва хотироти ӯ низ, бо он ки асари ҳаҷман калон нест, аҳамияти махсус дорад. Дар он, ки бо сабку услуби вижае иншо шудааст, Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ муҳимтарин падидаҳои замони худро дар асоси мулоқоти бевоситаи худаш бо аҳли илму адаб ба силки таҳрир мекашад.

7. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи адабиёти поёни асри XIX ва ибтидоии асри XX бидуни омӯзиши эҷодиёти Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ тасаввурнопазир аст. Ин аст, ки Ҳашмат чун шоири барҷаста ва нодир дар раъси маъруфтарин шуарои давомдиҳандаи афкору андешаи маърифатпарваронаи давр ҷойгоҳи махсус ва мақому манзалати волоро соҳиб шудааст;

8. Хулоса, Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ дар таърихи адабиёту фарҳанги тоҷик бо офаридани осори пурғановат, хоссатан, тазкираҳои хеш шинохта шуда, дар рушд ва таҳаввули анъанаи тазкиранависии мавзӯӣ қадами устувор гузоштааст**.**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**

1. Айниӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. Аз хати форсӣ таҳия ва тасҳеҳи Мубашшири Акбарзод.- Душанбе, Адиб, 2010.- 438 с. (Ayni S. Sample of Tojik literature. Az khati forsi tahiya va tas'hyehi Mubashshiri Akbarzod.- Dushanbe, Adib, 2010.- 438 p.)

2. Бухорӣ, Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳ. Тазкираи Сибоқ.- Тошканд: Академияи фанҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Фан, 2007.- 199 с. (Buxori, Shayx Abdulqodir Karomatulloh. Tazkirai Sibok.- Tashkend: Academician of the Republic of Uzbekistan. Science, 2007.- 199 p.)

3. Вохидов, Шодмон. Из истории частных библиотек в Бухарском эмирате конца XIX - начала XX вв. (опыт реконструкции).- Тошкент, 2008. (Voxidov Shodmon. From the history of the Royal Libraries in the Bukhara Emirate of the late XIX - early XX centuries. (reconstruction experience). - Toshkent, 2008.).

4. Қаюмов, Азиз. Qukan literary environment.- Tashkent: Uz SSR Fan, 1961. (Qayumov, Aziz. Kokon adabiy muhiti. - Tashkent: Uz SSR Fan, 1961.)

5. Муҳтарам, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ. Тазкират-уш-шуаро. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. Зери назари Камол Айнӣ.–Душанбе: Дониш, 1975.- 399 с. (Muhtaram, Hoji Ne'matulloh. Tazkirat-ush-shuaro. By correction and introduction of Asghari Janfida. Under the supervision of Kamol Ayni.–Dushanbe: Donish, 1975.- 399 p.)

6. Маонӣ, Аҳмад Гулчин. Таърихи тазкираҳои форсӣ. Ҷилди 2.- Теҳрон, 1363. (Maoni, Ahmad Gulchin. History of Persian Tazkiras. Volume 2.- Tehran, 1363.).

7. Садри Зиё, Шарифҷон-махдум. Тазкори ашъор. Шарҳи ҳоли бархе аз шоирони муосири Тоҷикистон ва намунаҳое аз ашъори онон. Бо тасҳеҳи Саҳобиддини Сиддиқ. Бо кӯшиши Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой. Чопи аввал.-Теҳрон: Суруш, 1380=2001.- 428 с. (Sadri Ziyo, Sharifjon-maxdum. A collection of poems. Biographies of some contemporary poets of Tajikistan and examples of their poems. By correction of Sahobiddini Siddiq. By effort of Muhammadjoni Shakurii Buxoroi. First printed.-Tehran: Surush, 1380-2001.- 428p.)

8. Саййид Муҳаммад Носир ибн Музаффар. Таҳқиқоти арки Бухоро.- (Форс тилидан таржима, сӯзбоши, изоҳлар ва кўрсаткичлар F.Каримовники).- Тошкент: TAFAKKUR, 2009.-106 с. (Sayyid Muhammad Nosir ibn Muzaffar. The research of the Bukhara's ark.- ( Ttanslation from Persian, foreword, comments and indicators by F.Karimovniki).- Tashkent: TAFAKKUR, 2009.-106 p.)

9. Ҳашмат, Мирсиддиқхон. Тазкират-уш-шуаро. Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳони Берунӣ.- Тошканд.- Дастхати №2729. (Hashmat, Mirsiddiqxon. Tazkirat-ush-shuaro. A treasure of oriental manuscripts AF of the Republic of Uzbekistan under the name of Aburayhani Beruni.- Tashkent.- Handwriting №2729.- 104)

10. Ҳодизода Расул. Адабиёти тожик дар ниммаи дуввуми асри XIX. - Душанбе: Дониш, 1968. - 291 с. (Hodizoda Rasul. Tajik literature in the middle of the 19th century. - Dushanbe: Donish, 1968. – 291 p.)